# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи "Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст

***Мубрамии мавзуи таҳқиқот***

Дар даврони соҳибистиқлолӣ маорифпарварӣ яке аз самтҳои меҳварии давлатдории мо буда, рушди илму маориф, омӯзиши техника ва технологияҳои нав, тақвияти нерӯҳои зеҳнӣ ва ташаккули забони илм дар мақоми авлавият қарор дорад. Таълими томактабӣ пояи ташаккули шахсияти кӯдакон, таҳкурсии минбаъдаи омӯзиш дар мактаби ибтидоӣ мебошад. Аз ин лиҳоз омӯзонидани забони модарӣ, аз ҷумла бой ва ғанӣ гардонидани захираи луғавии кӯдак, аз худ намудани қоида ва шаклҳои грамматикии калимаю ҷумлаҳо, фаҳмидани мазмуни ҳар як калимаю ҷумла, омодагӣ ба саводомӯзӣ ҳамчун зинаи гузариш ба омӯзиши забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ маҳсуб меёбад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони соҳаи илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат таъкид доштанд «Асри XX1 замони пешрафти бесобиқаи илм ва техникаву технологияҳои навин мебошад. Дар чунин шароит рушди минбаъдаи ҳар кишвар аз дастгирӣ ва дар истеҳолот ҷорӣ кардани дастовардҳои илмӣ вобастагии амиқ дорад. Зеро дар шароити кунунӣ таваҷҷуҳ ба нерӯи зеҳнӣ ва сармояи инсонӣ аҳаммияти беш аз пеш пайдо карда, ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар таъсири амиқ мерасонад. Имрӯз бе илму инноватсия, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ қадаме ба пеш гузошта намешавад».

Маҳз муҳимияти масъалаи мазкурро ба инобат гирифта, унвонҷӯ Раҳилаи Нураҳмадзода мавзуӣ "Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ" ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст.

***Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии*** Раҳилаи Нураҳмадзода ба омилҳои зерин вобаста мебошад:

- дар асосноккунии назариявии ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ;
- дар ошкор сохтани хусусиятҳои махсуси татбиқи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар инкишофи нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ
- дар асосноккунии барномаи озмоишии "Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ" дар машғулиятҳои инкишофи нутқ, шиносоӣ бо муҳити атроф ва адабиёти бадеӣ;
- дар муайян намудаи афзалиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ.

***Дар ҷараёни таҳқиқот муҳаққиқ ба он муваффақ шудааст***, ки дар заминаи баҳисобгирии таҳқиқоти илмии психологӣ–педагогӣ, қонун, стратегия ва барномаҳои давлатӣ вазъ ва масъалаи фаъолонидани захираи луғавӣ ва ба низом овардани нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимону пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва коркард намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулоса ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод намояд.

Унвонҷӯ дар муқаддимаи диссертатсия аз нуқтаи назари илмӣ дастгоҳи илмии диссертатсияро банду баст намудааст. Нуктаҳои назариявию методологӣ дар диссертатсия ҳамаҷониба матраҳ гардида, ба талаботи имрӯзаи ташкилу гузаронидани озмоиши педагогӣ мувофиқат мекунад.

Зимни тарҳрезии фарзияи таҳқиқот унвонҷӯ он нуқтаро мадди назар гирифтааст, ки муассисаи таълимии томактабӣ дар мавриде ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ ба ҳадаф мерасад, ки агар барои ташаккули нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ дар зинаи гузариш ба таҳсилоти ибтидоӣ барномаи махсуси коркардшуда бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ мавриди истифода қарор ёбад ва он мавриди шиносоӣ бо муҳити атроф ва ададбиёти бадеӣ вобаста

ба мақсаду вазифаҳои интихобшуда ташкил карда шавад.

***Навгонии рисолаи Раҳилаи Нураҳмадзода бо он арзёбӣ*** мегардад, ки он фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии диссертатсия мебошад. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ - озмоишии баргузорнамудаи унвонҷӯ, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва пешниҳод намудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Бо назардошти ин, унвонҷӯ кӯшиш намудааст, ки ҷараёни кори таҷрибавӣ-озмоиши босамари истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоиро мавриди санҷиш қарор диҳад, зеро онҳо воситаи босамари ташаккули фаъолияти маърифатӣ, нутқӣ ва ташкили фаъолияти таълимии кӯдакони синни калони томактабӣ мебошад.

***Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳо.***

Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал таҳқиқотҳои анҷомдодаи олимони ватанию хориҷӣ оид ба ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ омӯхта ва таҳлил карда шуда, дар ҳамин асос нуқтаи назари илмии мавсуф пешниҳод шудааст.

Асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқот ягон шубҳаро ба вуҷуд намеорад, унвонҷӯ қобилияти хуби таҳлилу хулосабарориро дорост, ки ин аз дониши хуби назариявӣ доштани ӯ гувоҳӣ медиҳад. Пояи илмии таҳқиқот, татбиқи амалии он, методҳои таҳқиқот, анҷоми ҳар як давраи таҳқиқот давоми мантиқии якдигар буда, ба талаботҳои қабулшуда нисбат ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ мебошанд.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада*** ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд дуруст ва фарогири ҷанбаву ҷонибҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия ва фарзияи илмии муаллифи диссертатсия мебошанд.

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Раҳила Нураҳмадзода, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки диссертант ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл ва дар амал тасдиқ намудааст. Аз ин нуқтаи назар месазад, ки

таҳқиқоти мавриди баррасиро ниҳоят мубрам, навоварӣ ва дархури ниёзҳои таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии муосир арзёбӣ кунем.

***Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳкиқот бармеояд, ки нуктаҳои зерин аз он далолат медиҳанд:***

- инкишофи нутқи кӯдакони синни томактаби ҳамчун таҳкурсии ояндаи нутқи хаттӣ дар мактаби ибтидоӣ муҳим аст. Барномаҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ ва ибтидоӣ талаб менамояд, ки инкишофи нутқ сари вакт аз синни томактабӣ вусъат ёфта, омили асосии минбаъд дар мактаб осон таълим гирифтани кӯдак мегардад.

- истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар зинаҳои аввалини таҳсилот барои ба қобилияти нутқ кардан, фикрронӣ, ташаккули маҳорати зеҳнию тафаккурӣ, маърифатнокии илмию техникӣ мусоидат менамоянд;

- воситаҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ҷиҳати такмили қобилияти нутқи равону пурмазмун ба кӯдакон кӯмак мерасонанд ва ба самаранокии машғулияти таълимӣ шароит фароҳам меоранд.

- барномаи “Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” мавриди озмоиш қарор ёфта, ба он бозиҳои дидактикӣ, машқҳои таълимӣ, саёҳат, сайругашт, мушоҳида ва хониши адаб иёти бадеӣ ворид шудаанд.

Рисола тибқи талабот ба диссертатсияҳои номзадӣ тарҳрезӣ шуда, он аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, руйхати адабиёт ва замима таркиб ёфтааст. Дар муқаддима аҳамияту дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаву усулҳои пажӯҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалии рисола, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия аз назари илмӣ дуруст муайян карда шудаанд.

Дар боби якум - **“Асосҳои назариявии дарёфт ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагони болаёқат”** зимни таҳлили масъалаи омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ дар адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ва методӣ қайд мегардад, ки инкишофи нутқи шифоҳӣ дар кӯдакӣ яке аз равандҳои асосии инкишофи инсон ба ҳисоб меравад, зеро забон бузургтарин ва беҳтарин воситаи муошират, ифодаи фикр ва аз худ намудани донишу таҷрибаи ҳаёт маҳсуб меёбад. Унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки забони модарӣ дар мактаби ибтидоӣ пеш аз ҳама фанни таълимист ва нақши забони модарӣ ва таълими он қабл аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар ҷараёни омӯзиши он нутқи хонандагон мазмуннок, ифоданок, дуруст, фаҳмо ва бехато мегардад.

Имрӯз дар муассисаи томактабӣ ва оила хониши бадеӣ хеле кам ба назар мерасад, бинобар ин нутқи кӯдакон ифоданок набуда, дар он аксар вақт ба хатогиҳо роҳ дода мешавад, инчунин онҳо ҷавобҳои содаю якранг медиҳанд. Аз сабаби равону бурро набудани нутқ ва норасоии захираи луғавӣ кӯдакон шавқу ҳавас ба машғулиятҳоро гум мекунанд. Дар ин вақт барои бедор намудани шавқу ҳавас, ҳавасмандии таълимӣ дар кӯдакон истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ бамаврид мебошанд. Вале омӯзонанда ва назораткунандаи ҷараёни инкишофи нутқи талабагон омӯгор мебошад. Баробари он инкишофи нутқ нисбат ба фаъолияти педагог устокорона истифода бурдани чунин метод ва тарзҳое мебошад, ки дар бобати фаъолона аз худ намудани тарафҳои гуногуни забон ба талабагону кӯдакон ёрӣ расонда тавонанд.

Муҳаққиқ хеле бамаврид таҳлилу таъкид намудааст, ки компютер ва дигар воситаҳои техникӣ бояд мувофиқи талаботи гигиенӣ истифода шаванд. Барои кӯдакони 6-сола кор бо компютер набояд аз 10 дақиқа ва барои кӯдакони 7-10 сола аз 15 дақиқа зиёд бошад. Натиҷаи мусбӣ аз истифодаи ТИИ танҳо дар ҳамкории кӯдак, педагог ва технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ имконпазир аст, инкишоф дода шаванд. Мақсади асосии ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ аз он иборат аст, ки дар он ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим - маъмурият, омӯзгорон, кӯдакон ва волидони дар пайвастагӣ кор карда, зимни истифодаи он иттилооти заруриро дошта бошанд.

Дар боби дуюм **“Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули омодагии нутқии кӯдакони 5-7 сола ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”** ташкил гардидаанд. Дар ҳамкорӣ бо Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ барномаи озмоишӣ таҳия ва мувофиқа гардид, ки тибқи он бо кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ мавриди шиносоӣ бо олами атроф ва адабиёти бадеӣ машғулиятҳои таълимӣ оид ба мақсади таҳқиқот гузаронида шуданд. Мундариҷа, роҳҳо, усулҳо ва шаклҳои ташкили ҳаёти кӯдакон мувофиқи ҳадафҳои қисмати инкишофи нутқ, ки барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ “Рангинкамон” муайян гардидааст, интихоб шуданд.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди таълим истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ муфид буда, барои инкишофи нутқи бою пурмазмуни кӯдакон шароити мусоид фароҳам меорад. Мо пурра ба муаллифи диссертатсия ҳамфикр ҳастем, ки менависад: “Истифодаи

технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ яке аз усулҳои муҳимтарини педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба ҳисоб рафта, ба инкишофи нутқу тафаккури кӯдакон асоси боэътимод мегузорад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ - компютер, тахтаи электронӣ, телефони мобилӣ, проектор, аксгиранда (сканер), чопгар (принтер), компютерҳои кӯдаконаи “Ҳамадон” дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон фаъолияти гуногуни онҳоро инкишоф дода, дар нутқи онҳо қобилияти дарки масъалаҳои фонетикӣ, лексикӣ-грамматикӣ, тартиб додани ибораю ҷумлаҳо ташаккул медиҳад.” (саҳ.116)

Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–тачрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводҳои нашргардидаи унвонҷӯ инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дар бар гирифта, муҳимияти яке аз вазифаи асосӣ — омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабиро ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ муайян намудааст. Барномаи озмоишии “Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” мавриди баргузории корҳои санҷишӣ-озмоишӣ тасдиқ карда шудааст. (саҳ.118)

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада унвонҷӯ як сисила тавсияҳои методиро ҷиҳати тақвият бахшидан ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳо интишор ёфтаанд. Мақолаҳо мазмуну мухтавои рисоларо дар бар мегиранд.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.*** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, ба теъдоди 9 мақолаи илмӣ: 4 номгӯй дар нашриёҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва чумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.*** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари

диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

***Эрод ба рисолаи илмӣ ва фишурдаи он.*** Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ таҳқиқоти анҷомдодашуда ва автореферати он аз камбудиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола хеле муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар рисола диққати асосӣ бештар ба омӯзиши асосҳои психологӣ ва педагогии ташаккули нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ дода шуда, ба ҷанбаи забоншиносии ин масъала ҷойгоҳи камтар дода шудааст.
2. Хулосаи боби дуюми диссертатсия дар ҳаҷми кофӣ ифода наёфтааст, ки мазмуни мухтасари бобҳои мазкурро ба пуррагӣ фаро гирифта наметавонад.
3. Бинобар нодуруст тарҷума шудани мафхумҳо қисме аз ҷумлаҳо дар фишурдаи рисолаи илмӣ ба таҳлили мантиқию услубӣ ниёз доранд. (саҳ.32,37,40,44,48,52).
4. Дар матни фишурдаи кор ва рисолаи илмӣ баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои баёншуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Аз ин лиҳоз, диссертатсия тадқиқоти ба анҷомрасида ҳисобида мешавад. Диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”, кори илмии ба таври мустақилона анҷомёфта мебошад, ки аз рӯи сохтор тибқи талаботи муқарраршуда, омода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба масъалаи таҳқиқшаванда робитаи бевосита дорад. Диссертатсия аз рӯи мазмуну муҳтаво ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии рисоларо дар бар мегирад.

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.
2. Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

3. Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳилаи Нураҳмадзода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пурра мувофиқат мекунад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи психология
ва социалогияи идоракунии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаниева Б.Ҷ.

15.01.2024 с.

**Маълумот барои тамос:**
734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33
Тел. 904071600; E-mail: simin62@inbox.ru

Имзои Ғаниева Б.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.